**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсияи доктории Саъдуллозода Насрулло Саъдулло дар мавзӯи «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод карда мешавад.**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ба як раванди ҷаҳонӣ табдил ёфт, ки тақрибан ҳамаи кишварҳо ва қитъаҳоро, инчунин ҳама табақаҳои иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирифтааст. Дар миқёси ҷаҳон тибқи маълумотҳои омории соли 2019 ба миқдори 272 миллион нафар аз як кишвар ба дигар кишвар бо таъсири омилҳои гуногун муҳоҷират кардааст. Падидаи муҳоҷирати байналмилалии аҳолӣ дар асри 20 маълум шуда, имрӯзҳо ба раванди ҷаҳонишавӣ табдил ёфта истодааст. Зеро дар охирҳои асри гузашта, дар низоми иҷтимоӣ, иқтисодиёт, сиёсати давлатӣ, ҷаҳонбинии одамон тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд.

Қобили қайд аст, ки рушди иқтисоди ҷаҳон ва суботи иҷтимоии соири кишварҳо имрӯзҳо ба самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Ин раванд ба истифодаи самараноки захираҳои иловагии меҳнатӣ, ки равандҳои иҷтимоию иқтисодиро ҳавасманд мекунанд, мусоидат мекунад. Имрӯзҳо муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини аҳолӣ мебошад ва на танҳо ҳамчун як ҳаракати оддии механикии одамон, балки ҳамчун раванди мураккаби иҷтимоӣ, ки ба бисёр ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад, баррасӣ карда мешавад. Дар шароити муосир муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ омили муҳими рушди иқтисодиёти ҷаҳон гардида, ҷандирии бозори байналмилалии меҳнатро ва ба фарҳанги ҷаҳонии истеҳсолот ворид шудани кишварҳои ақибмондаро таъмин намуда, барои тақсимоти оқилонаи омилҳои истеҳсолот дар робита бо пешрафти илму техникаи ҷаҳонӣ, ҳамкорӣ ва ғанигардонии ҳамдигар шароит фароҳам овардааст.

Муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар ҷараёни умумии муҳоҷирати байналмилалии ҷаҳон нақши бориз дорад. Айни замон, аксари кишварҳои ҷаҳон дар мубодилаи байналмилалии захираҳои меҳнат ҳамчун воридкунанда ва содиркунандаи нерӯи корӣ ширкат меварзанд. Ҳамин тариқ, аҳамияти мавзӯи таҳқиқот, аввалан, бо зарурати омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ хусусиятҳои нав пайдо мекунанд ва баъдан бо омӯзишу таҳқиқи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба динамикаи муҳоҷирати меҳнатӣ таъсирбахш, муайян карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, рисолаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон Саъдуллозода Насрулло Саъдулло, ки ба таҳқиқи масъалаҳои танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст, аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар автореферат унвонҷӯ масъалаҳои таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ, сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати қувваи корӣ ва оқибатҳои он дар миқёси ҷаҳон ва ҷумҳурӣ, баҳодиҳии самтҳоии асосии муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳолати ҳозираи вазъи бозори меҳнат дар миқёси ҷумҳурӣ, муайянамоии механизмҳои танзими муҳоҷирати қувваи корӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии онҳо ва пешниҳоди роҳу усулҳои имконпазир доир ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити рушди иқтисодиёти ҷаҳони муосир баррасӣ намудааст. Нуқтаи калидии баҳс дар автореферат масоили танзими давлатии содироти байналмилалии муҳоҷирати қувваи корӣ, мақсадҳо, давраҳо ва принсипҳои он дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад, ки аҳамияти муҳими илмӣ дорад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот таҳия шудаанд, муаллиф фикру ақидаи худро оид ба ин падидаи мубрами иқтисодиёти ҷаҳони муосир ҷамъбаст намудааст. Дар мақолаҳои илмии нашршудаи унвонҷӯ нуктаҳои асосии диссертатсия ба нашр расидаанд. Автореферат ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати Саъдуллозода Насрулло Саъдулло инчунин баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Ибораҳои асосӣ дар ҷадвалҳои 3,4,5 бо забони англисӣ истифода шудаанд, беҳтар мешуд бо забони давлатӣ тарҷумаи онҳо дар ҷадвалҳои номбаршуда оварда мешуд;
2. Дар матни автореферати диссертатсия баъзан хатогиҳои техникӣ вомехӯранд, ки бартараф намудани онҳо сифати кори илмиро беҳтар менамояд.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидашударо кам намекунанд.

Ҳамин тариқ, аз автореферати диссертатсияи Саъдуллозода Насрулло Саъдулло дар мавзӯи «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бармеояд, ки диссертатсияи унвонҷӯ дар сатҳи зарурии илмӣ-методӣ анҷом пазируфта, дорои арзишҳои методологию амалӣ ҷиҳати ҳаллу фасли мавзӯи пешниҳодшуда мебошад ва ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муллифи он сазовари дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директор оид ба илм ва татбиқоти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб** _____________ **Мирсаидов М.Н.**

**Суроға: 735360, шаҳри Кӯлоб, маҳ. Борбад 16**
**Тел.: (992) 988-45-09-09;**
**E-mail: mmirsaidov@mail.ru, mirsaidovmn@gmail.com**

**Имзои Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматовичро тасдиқ мекунам.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб** _____________ **Нусратов Бахтиёр**

**«____»__________соли 2020**